***ТКБ 37,0***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-198-203***

***МАВҚЕИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН***

***Ҷабборов Абдураҳим Халилович,*** *дотсенти кафедраи санъати тасвирӣ ва маҳорати актёрӣ;* ***Исмоилова Мадина Абдураҳимовна,*** *докторанти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЕ ИСКУССТВО КАК СРЕДСТВ УСИЛЕНИЯ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ***

***Джабборов Абдурахим Халилович,*** *доцент кафедры изобразительного искусства и актерского мастерства;* ***Исмоилова Мадина Абдурахимовна,*** *докторант кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан,Худжанд)*

***FINE ART IS ONE OF THE MEANS OF STRENGTHENING THE PATRIOTIC EDUCATION OF STUDENTS***

***Jabborov Abdurahim Khalilovich,*** *Docent of the Department of Fine Arts and Acting,* ***Email:*** *rahmon1990@mail.ru;* ***Ismoilova Madina Abdurahimovna,*** *doctoral student of the Department of Social and Professional Pedagogy, State Institution "Khujand State University named after B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***Email:*** *ismoilova_m.a@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: санъати тасвирӣ, педагогика, тарбияи ватандӯстӣ, хонандагон, жанр, восита*

*Дар мақола мавқеи санъати тасвирӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон баррасӣ шудааст. Муаллифон санъати тасвирӣ ва педагогика чӣ гуна алоқа дорад ва барои инкишофи пайдарпайи онҳо дар тарбияи ватандустии талабагон дар шароити ҳозира чӣ гуна имкониятҳо мавҷуданд, баррасӣ намудаанд. Дар ин ҷода муайян намуданд, ки санъати тасвирӣ аз ҷиҳати гуногунии усулҳои аёнӣ воситаи муҳими педагогии ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ буда, санъати тасвирӣ ва педагогика дар раванди мақсадноки педагогӣ чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати усули тарбияи ватандустӣ бо ҳам алоқаи зич доранд ва санъати тасвириро ҳамчун воситаи баланд бардоштани тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян намудаанд.*

***Ключевые слова****: изобразительное искусство, педагогика, патриотическое воспитание, читатели, жанр, инструмент*

*В данной статье рассматривается изобразительное искусство как педагогический инструмент обучения. Авторы обсуждают взаимосвязь изобразительного искусства и педагогики и возможности их устойчивого развития в патриотическом воспитании учащихся в современных условиях. В связи с этим определено, что изобразительное искусство является важным педагогическим средством решения воспитательных задач в силу многообразия изобразительных методов, а изобразительное искусство и педагогика в целевом педагогическом процессе тесно связаны, как по содержанию, так и по методам патриотического воспитания. В статье определяется роль изобразительного искусства в усилении патриотического воспитания учащихся.*

***Key words****: fine arts, pedagogy, patriotic education, readers, genre, instrument*

*The given article dwells on fine arts as a pedagogical teaching tool. The authors discuss the relationship between fine arts and pedagogy and the possibility of their sustainable development in the patriotic education of students in modern conditions. In this regard, it has been determined that the visual arts is an important pedagogical means of solving educational problems due to the variety of visual methods, and the visual arts and pedagogy in the target pedagogical process are closely related, both in content and methods. patriotic education.The article defines the role of fine arts in strengthening the patriotic education of students.*

Баррасии санъати тасвирӣ ҳамчун воситаи педагогии таълим ҳалли як қатор муаммоҳоро дар назар дорад: - Воситаҳои санъати тасвирӣ дар сифатҳои маънавии хонандагон чӣ гуна зоҳир мешаванд? Санъати тасвирӣ ва педагогика чӣ гуна алоқа дорад ва барои инкишофи пайдарпайи онҳо дар тарбияи ватандустии талабагон дар шароити ҳозира чӣ гуна имкониятҳо мавҷуданд? - Баррасии воситаҳои санъати тасвирӣ дар таълим аз мавқеъҳои педагогика, маданиятшиносӣ, психологияи санъат ва санъатшиносӣ барои равшан шудани ин масъалахо хизмат мекунад. Дар

ин ҳолат, ду самт фарқ мекунад. Якум, ҳарҷониба ошкор намудани мазмун, имкониятҳои тарбиявӣ, методӣ, "механизм»-и таъсири санъати тасвирӣ ба ҷаҳони ботинии талабагон, инкишофи маънавии онҳоро инъикос мекунад. Аз ин лиҳоз, зуҳуроти намоёни таъсирбахшии тарбиявии санъат маҳз дар заминаи санъат ҳамчун як падидаи арзишманди ҳаёти маънавӣ ба мушоҳида мерасад.

Самти дуюм ба истифодаи намуду жанрҳои гуногуни санъати тасвирӣ дар методикаи тарбияи хонандагон алоқаманд аст. Ба раванди ташаккули шахсияти талаба дохил шудани санъати тасвирӣ ба инкишофи сохтори муайяни педагогӣ ва татбиқи проблемаҳои муосири тарбияи ватандустӣ алоқаи мантиқӣ дорад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон қайд кард, ки модели назариявӣ, ки дар заминаи робитаи санъати тасвирӣ ва педагогика дар раванди тарбияи ватандӯстии хонандагон бунёд ёфтааст, ғанӣ гардонидан ва густариши мазмуни таълиму тарбияи онҳоро ба таври воқеӣ муайян мекунад. Он метавонад истифодаи чунин мафҳумҳоро, аз қабили фарҳанги маънавӣ, воситаҳои аёнӣ ва ифодакунандаи шаклҳои санъат; инъикоси ҷанбаи фарҳангӣ дар таълими хонандагон; усулҳои эҷодӣ ва бадеии санъат, пайвастани онҳо бо усулҳои педагогии тарбия ва ғайраро дар бар гирад. Ҳар як самт ба ҳамдигар узван алоқаманд буда, дар айни замон тафовути ба худ хоси мазмунӣ-мантиқӣ дорад. Имкониятҳои санъати тасвирӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, пеш аз ҳама, бо таъсиррасонӣ ба ҳисси ватандӯстии онҳо вобаста аст. Вақте ки имкони эҷодкорона бартараф кардани ҳиссиёти худ пайдо мегардад, танҳо дар он сурат самараи санъат пурра инъикос меёбад. Дар баробари ин, санъат ба принсипи сарфаи қувваҳо тобеъ нест, вай аз таснифи қувваи маънавӣ иборат аст. Дар баробари ин, он эҳсосотро муратта месозад. Санъат, ҳатто дар он ҷое, ки як шахс ва таҷрибаи шахсии ӯ вуҷуд дорад, аҳамияти иҷтимоӣ пайдо мекунад. Ҳиссиёти зебоипарастӣ аз ҳиссиёти воқеӣ ба куллӣ фарқ мекунад; тафовут дар он аст, ки ҳиссиёте, ки асари бадеӣ мебахшад, чун қоида дар амал бевосита ва фавран ифода карда намешавад. Педагогика хамчун илм дар бораи қонуниятҳои таълиму тарбия ва санъат ҳамчун фаъолияти ахлоқӣ равандҳои инкишофи инсонро ба таври худ инъикос намуда, дар ниҳояти кор ба фароҳам овардани шароити мусоид барои он нигаронида шудааст. Образи зебоие, ки санъат офаридааст, ба ишораи Ф.М.Достоевский,- ҳамон лаҳза бе ягон шарт дар дил ҷой мегирад. Эҳтиёҷот, зебоӣ бештар дар ҳоле ба вуҷуд меояд, ки инсон бо воқеият мухолифат кунад, дар номутаносибӣ, мубориза, яъне мавқеи фаъолро ишғол мекунад, вақте ки ӯ чизеро меҷӯяд ва ба чизе ноил мешавад [1, с.74]. Тавассути тафаккур, эҳсос, ғамхориву меҳрубонии одамон, ки дар образҳои бадеии нусхаҳои чопии рассомони точик ифода ёфтаанд, дастраси одамони дигар ва тамоми ҷомеа мегардад ва аз насл ба насл мегузарад. Воситаҳои санъати тасвирӣ нақши худро дар тарбияи ватандустии талабагон ба андозаи зарурӣ ба иҷро мерасонанд, зеро мактаббачагон ба санъати тасвирӣ шавқу ҳаваси зиёд доранд. Дар натиҷаи мушоҳидаҳои шахсӣ дар давраи фаъолияти педагогӣ, қайд кардан мумкин аст, ки аксар вақт ҳатто бо вуҷуди ба миён омадани муаммоҳо ё ҳисси хастагии ҷисмонӣ хонандагон кӯшиш мекунанд, ки алоқаро бо асари бадеии дӯстдоштаашон дар дарси санъати тасвирӣ мустаҳкам кунанд. Зиёд шудани шавқу ҳаваси мактаббачагон ба санъат боиси афзудани нерӯи эҷодӣ мегардад, гарчанде ки бо мурури синну сол дар иртибот бо хусусиятҳои равонӣ майли эҷодкориашон камтар мешавад. Санъати тасвирӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватанпарастии талабагон аз дигар воситаҳои педагогӣ бо хусусияти таъсиррасониаш ба куллӣ фарқ мекунад. Дар баробари ин, он ғайритаълимӣ, ғайридидактикӣ бо арзишҳои умумибашарӣ, бо манфиатҳои умумӣ алоқаманд аст; на танҳо иттилоъ медиҳад, балки ба одам илҳом, шодӣ, лаззати эстетикӣ мебахшад; одамонро муттаҳид менамояд, онҳоро ба эҷодкории якҷоя даъват менамояд, шуури онҳоро фаъол мегардонад, тамоюлҳои пурарзиш, афзалиятҳои ахлоқӣ, ғояҳои иҷтимоиро ташаккул медиҳад.

Санъати тасвирӣ навъу жанрҳои гуногун ва таъсири хосе дорад, ки танҳо ба он мансуб аст. Он бо хусусиятҳои воситаҳои ифодакунандаи таъсирбахшӣ ва бадеӣ муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари истифодаи педагогии воситаҳои санъати тасвирӣ онро метавон ҳамчун намуд, жанрҳои бадеӣ ва усулҳои гуногуни эҷодии муқарраршудаи онҳо барои эҳёи воқеият, аз ҷумла шаклҳои мукаммали бадеӣ, ба мисли ҳамсозӣ, таносуб, равиш, маҷоз, композитсия, монтаж ва ғайра муаррифӣ кард, ки барои таъмин намудани инкишофи таълимгирандагон ва ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ пешбинӣ шудаанд. Хусусиятҳои педагогии воситаҳои санъат бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ муайян карда мешаванд. Сабабҳои объективӣ воситаҳои бадеӣ ҳастанд, ки маҳсули фарҳанг ва анъанаҳои тарбиявии халқӣ буда, дар онҳо роҳҳои интиқоли арзишҳои маънавӣ тавассути фаъолияти бадеии марбут ба эҷоди асарҳои санъати тасвирӣ ва

ҳунармандӣ муайян карда мешаванд. Сабабҳои субъективӣ ба фаъолнокии омӯзгор, ки роҳҳои истифодаи воситаҳои санъати тасвириро мувофиқи мақсад ва дараҷаи тарбияи хонандагон, бо назардошти талаботи нави ҷомеа ва шахсият, тавсияҳои муосири педагогӣ ва беҳтарин дар таълим амалӣ менамояд, вобаста аст. «Ягон китоби дарсӣ аз лиҳози қувваи таъсир бо адабиёти бадеӣ, мусиқӣ, рассомӣ, кино баробар шуда наметавонад... — навиштааст Д.Б. Кабалевский,- чунин фан ва чунин китоби дарсие нест, ки он нақши махсуси тарбиявиеро, ки санъат амалӣ мекунад, иҷро карда тавонад» [2, с.76]. Таъсири санъат ба ташаккул ва инкишофи ватандӯстии хонандагон, аз як тараф, ба хусусияти таъсири воситаҳои бадеӣ ба шахсият, аз ҷониби дигар, ба муносибати хоси психологию педагогӣ ба ташаккул ва инкишофи ватандустӣ вобаста аст. Ин мундариҷаи сохторӣ ва робитаи мантиқии хусусият ва асолати таълим, ки муҳтавои ҳамаҷониба ва пурқувватро дарбар мегирад, ба миён меорад. Мавҷудияти муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ, шакли муайяни ташкилӣ, ки асоси он раванди мақсадноки педагогӣ мебошад, ба тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути санъати тасвирӣ тамомият мебахшад. Дар раванди мақсадноки педагогӣ санъати тасвирӣ, аз ҷумла ҳамчун воситаи алоқаи байни муаллим ва талаба, инчунин байни талабагон хизмат карда, алоқаро дар ҷомеа ва муомилоти иттилоотӣ таъмин менамояд. Вай ҳамчун воситаи ошкор намудани нерӯи маънавӣ ва эҷодии субъект ва объект, қобилияти шахс хизмат карда, ба муаллим барои дарки олами маънавии талаба, муайян кардани талабот ва шавқу ҳаваси ӯ ёрӣ мерасонад. Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ тавассути санъати тасвириро баррасӣ намуда, бояд қайд кард, ки вазифаи тарбияи ватандӯстӣ ташаккули муносибати арзишманд ба Ватан мебошад. Мо инчунин қайд мекунем, ки санъат на бо арзиш, балки ба маънои арзиш ҳамчун муодили психологии он муносибат мекунад. Раванди тарбияи ватандӯстии хонандагон фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонанда мебошад, ки дар он санъати тасвирӣ ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ истифода мешавад. Дар иртибот ба ин нукта ба муаллиме, ки аз санъати тасвирӣасарҳои эҷодии рассомон истифода мебарад, донистани хусусиятҳои таъсиррасонӣ ба шахсият аз воситаҳои истифодашаванда ба мақсад мувофик аст. Санъати тасвирӣ механизми хеле мураккаби таъсир ба олами маънавии инсонро дорад. Дар вақти гузарондани машғулиятҳо бо хонандагон қайд карда мешавад, ки ҳангоми муҳокимаи асарҳои санъат бисёр хонандагон ба он аз нуқтаи назари арзишҳои асоснок муносибат мекунанд.Инро, масалан, дар мубоҳисаҳо, сӯҳбат зимни шиносоӣ бо асарҳои санъати тасвирӣ ва инкишофи маданияти худ, ҷустуҷӯи маънои муносибати шахс ба санъати тасвирӣ ва инкишоф додани тасаввурот дар бораи муҳити гирду атроф тасдиқ мекунад. Яъне, хонандагон кӯшиш мекунанд, ки усули эҷодии рассомро дар сатҳҳои фалсафӣ, зебоишиносӣ ва санъатшиносӣ дарк кунанд.Ин ягонагии таъсири санъати тасвириро ҳам ба ҳиссиёт ва ҳам зеҳни шахсияти талаба таъкид мекунад. Дар ҷараёни дарки асарҳои санъати тасвирӣ аз ҷониби хонандагон, дар раванди инъикос таҳияи (дарки) образ ва пайдоиши муносибати субъективӣ дар як вақт ба ин асарҳо ва ба худи раванди инъикосёбӣ ба амал меояд. Ин муносибати субъективӣ ба тасвир ва мазмуни асар дар шакли ҳиссиёт ва таҷрибаи хонандагон низ ифода меёбад. Баъдан, ҷустуҷӯи мазмуни нав барои худ, кашфи арзишҳои нав ва ғайра ба миён меояд. Ҳамин тариқ, мазмуни асарҳои санъати тасвирӣ, ки маъно ва моҳияти эстетикии ҳодисаҳои воқеиятро инъикос мекунад, ба раванди педагогии тарбия дохил мешавад. Санъати тасвирӣ инчунин метавонад ҳамчун арзёбии арзишҳои аз ҷониби ҷомеа эътирофшуда амал кунад. Яке аз хусусиятҳои муҳими сифатии таъсири тарбиявии санъати тасвирӣ ҳангоми истинод ба табиат ҳисси ватандӯстӣ пайдо мешавад. Конрад Лоренс [3, с.263] зиддияти дохилиро омӯхта, ба хулосаҳое меояд, ки хусусияти ғайриихтиёрии ҳисси ватандӯстиро метавонад нишон диҳад. «Илхоми ҳақиқӣ, менависад К. Лоренс, мумкин аст ва танҳо ба хотири чизи қиматбаҳо, душманӣ нисбат ба душмани ҳақиқӣ ва хаёлӣ зарур нест» [3, с. 263]. Вай таъкид мекунад, ки санъат ба илҳоме, ки дар одам ба вуҷуд меояд, таъсир мерасонад, ба тарафдории он чизе, ки ба назари ӯ пурарзиш менамояд, баромад мекунад ва то андозае ба ӯ имкон медиҳад, ки шавқмандиҳои аз ҳад зиёд суст шавад. Барои иҷрои ин вазифа санъат бояд ғайрисиёсӣ боқӣ бимонад, на ба ташаккули кина, нафрат, адоват ва ғайра, балки ба ташаккули мутаносиби ҳиссиёти ватандустӣ ҳамчун муҳимтарин дастоварди фарҳангии инсоният мусоидат намояд. Аз ин рӯ, санъати тасвирӣ қодир аст, ки ҳисси ватандӯстиро афзояд ва ангезаҳои аз ҳад зиёд манфиро суст кунад. Чунин таъсир низ имкон медиҳад, ки санъати тасвирӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон истифода шавад. Таъсири воситаҳои санъати тасвирӣ ба тарбияи ватандӯстии талабагон аз дигар воситаҳои тарбия ба куллӣ фарқ мекунад ва инро ақидаҳои назариявии Л.Виготский, ки «асрор»-и таъсири санъатро дар хусусиятҳои дарки он аз ҷониби фард муҳим мешуморад, тақвият мебахшад [4, с. 313].

Тадқиқоти Л.Виготский шаҳодат медиҳад, ки маҳз санъат ва танҳо санъат аст, ки чунин таҷрибаҳои махсуси идорашавандаро ба вуҷуд меоварад. Ин муқаррарот имкони ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстиро тавассути санъати тасвирӣ дар сатҳи педагогика ва психология тасдиқ намуда, хусусиятҳои дарки онро аз ҷониби хонандагон нишон медиҳад. Раванди дарки санъати тасвирӣ як падидаи мураккаб аст. Ҳангоми дарки асари бадеӣ натиҷаҳои муошират бо худ ба ҷараёни муошират бо қаҳрамони хаёлӣ гузошта шуда, онро ғанӣ мегардонанд, аз ҷумла унсурҳои муошират бо худ онро аҳамиятнок ва аз ҷиҳати эҳсосот рангин мегардонанд. Дар раванди дарки асарҳои санъати тасвирӣ эҳсосот ҷойи асосиро ишғол мекунад. Хусусияти эмотсионалии арзёбии арзишҳои ватанӣ дар асарҳои санъати тасвирӣ бо хусусиятҳои маводи санъат муайян карда мешавад. Якум, арзишҳои ахлоқӣ ва дигар арзишҳо дар асарҳои бадеӣ дар шакли образҳои мушаххас - ҳиссӣ, образҳои бадеӣ, ки шакли хоси инъикоси ҳаёт ва ифодаи фикру ҳиссиёти рассом мебошанд, таҷассум меёбанд. Бо ёрии образ дигаргуниҳо ба дараҷаи иваз гаштани ҳодисаҳои бадеӣ ба ҳодисаҳои ғайрибадеӣ ба амал меояд. Образи бадеӣ дар алоқаи санъат бо ҳаёт мавқеи марказӣ дорад. Алоқаи байни образ ва эҳсосот, масалан, аз он шаҳодат медиҳад, ки эхсосот дар шуур, чун қоида, вобаста ба баъзе образҳо ба вуҷуд меоянд. Тасвирҳо, ки гӯё аз эҳсосот сер шуда бошанд, ҳамчун интиқолдиҳандаи онҳо амал мекунанд. Муаллифи асар образ, амали мушаххас, таҷрибаи хаёлиро тавре инъикос менамояд, ки бинанда муносибати эмоционалии муаллифро нисбат ба онҳо комилан равшан фаҳмад. Ин ҳам баҳодиҳии субъективӣ, шахсӣ ва эҳсосиро талаб мекунад. Аз ҷиҳати таҷассуми моддӣ (ҳар як намуди санъат системаи ба худ хос дорад) ва сохти ботинӣ (техникаи инкишоф, композитсия, усул ва ғайра) образҳои бадеӣ ниҳоят гуногун буда, бешубҳа, бинандаи худро пайдо мекунанд. Дар раванди тарбияи ватандӯстии хонандагон нақши омӯзгор метавонад аз он иборат бошад, ки ба хонанда дар пайдо кардани образҳо аз санъат кӯмак расонад ва дар онҳо эҳсосоти марбут ба мафҳуми Ватан, табиати он, вокеаи таърихӣ, фарҳанг ва анъанаҳои иҷтимоӣ, дастовардҳои фарҳангии кишвари худ, манфиатҳо ва сарнавишти таърихии Ватан ва ғайра пайдо кардани ӯро ба вуҷуд меорад. Масалан, тарбияи ифтихори миллӣ, шаъну шарафи миллӣ ҳамчун ҷузъҳои тарбияи ватандӯстӣ ташаккули муносибати эҳтиромона ба гузаштаи таърихии Ватан, анъана ва фарҳанги аз он меросмонда, тарғиби хислатҳои мусбати миллӣ, тарзи рафтор, тарзи зиндагии мардуми худ, муошират, манфиатҳо, арзишҳо, одатҳо, расму оинҳо, ошноӣ бо донистани амиқи забони модарӣ, таърих, адабиёт ва ғайра, мурочиат ба дини як гурӯҳи этникӣ ҳамчун асоси таърихии ташаккулёбии ҳувияти миллӣ ва ғайра. Тасвири ин арзишҳо дар қаҳрамонии образҳо, дар шакли таҷрибаи эмотсионалӣ интихоби зарурии асарҳои санъати тасвириро талаб мекунад. Дар ин асарҳо бояд инҳо инъикос карда шаванд: -ҳисси меҳру муҳаббат ба табиати зодгоҳ, ба ҳамдиёрон, хешу пайвандон ва дӯстони худ, ёдгориҳои бошукӯҳи маданияти Ватан; - ҳисси масъулият нисбат ба ҳифз ва афзун намудани арзишҳои фарҳангӣ, анъанаҳои халқӣ; — боигарии забони модарӣ; - тасвири ҳамватаноне, ки беғаразона ва комилан ба ҳифзи сарзамини худ фидокорӣ мекунанд ва ғайра. Дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳиссиёти олии иҷтимоӣ (адолат, ватандӯстӣ, шараф, ҳамраъй, вазифа, масъулият, шавқу ғайрат ва ғайра), ки образҳои бадеии бисёр асарҳои санъати тасвириро ифода менамоянд, аҳамияти калон доранд. Ҳисси фарққунандаи субъективии таҷриба ҳангоми дарки онҳо асоси моддию психофизиологии образи конкретии ҳисси асари бадеиро ташкил медиҳад. Тасвири аёнӣ, иттиҳодӣ (ассотсиативӣ), руҷӯӣ (ретроспектив)-ии бо таҷрибаи дигар асарҳо, аз ҷумла намудҳои гуногуни санъатро бо он пайваст кардан мумкин аст. Сонияи, баҳодиҳии эмотсионалӣ аз мавҷудияти шакли зебою дилпазир дар санъати тасвирӣ ба миён меояд. Доштани шакли зебою шоёни таҳсин барои он зарур аст, ки эҳсосоти аз дарки ин шакл ҳосилшуда, эҳсосоте, ки ҳангоми баҳо додан ба арзишҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва дигар арзишҳои дар мусаввара тасвиршуда ба вуҷуд меояд, қувват бахшад.Раванди педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагон на бо як восита, балки бо системаи томи воситаҳои ифодакунандаи санъати тасвирӣ бой мегардад, ки дар байни онҳо шаклҳои умумии бадеӣ: андоза, бузургӣ, ченак, гармония, таносуб, усул (ритм), композитсия, зебоӣ (грация) ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Дар санъати тасвирӣ ҳама чиз ба он нигаронида шудааст, ки дар бинанда таассуроти эмотсионалӣ ташаккул ёбад. Ба ин образҳо ва шаклҳои конкретию шахсӣ хизмат мекунанд. Образҳои сюжетии асарҳои насрӣ ва драмавии санъати тасвирӣ барои ба ҳаяҷон овардани таассуроти эмотсионалӣ нигаронида шудаанд. Дар натиҷаи раванди идрок ҳангоми тасвири ҳар як асари санъати тасвирӣ талабагон арзиши бадеию эстетикии ин асарро муайян намуда, дар айни замон аҳамияти онро аз ҷиҳати мазмун, боварибахш будани ҳалли расмии асари

санъати тасвирӣ, дараҷаи эстетикӣ, маҳорат, сифат ва ҷабҳаҳои дақиқии хатҳои кашидашуда, ки бо вазифаи мушаххаси амалӣ алоқамананд, таъкид мекунанд. Донистани воқеияти атроф дар доираи санъат амалӣ карда мешавад, ба гуфтаи Л.Виготский [4], ҳамчун асоси амали беихтиёр ба вуҷуд омадани худшиносӣ хизмат мекунад. «Интиқоли худ ба санъат» на танҳо ба таври худкор ва беихтиёр, балки ҳамчун роҳи ҳатмӣ, сирф маҷбурӣ, бо шинохти мазмуни асар сурат мегирад. Ин аст моҳияти санъат. Илова бар ин, раванди дарки санъат ҳатман ҳамчун шарти ногузирии он амалҳои қаблии дониши оқилона, фаҳмиш, шинохт, иттиҳод (ассотсиатсия) ва ғайраро дар бар мегирад, он ҳамчун унсури ба худ интиқол додани ин меъёрҳо аз ҷониби хонандагон ва танҳо дар он сурат тағирот дар рафтори онҳо амал мекунад.Дар зери таъсири таҷрибаҳои бавуҷудомада, натиҷаҳои шинохти арзишҳои «ман»-и худ аз ҷониби муҳассилин амали шинохти қаҳрамони хаёлӣ, ки дар он арзишҳои муаллиф ба таври воқеӣ инъикос ёфтаанд, дохил карда мешаванд. Таъсири бештари чунин ҳамкорӣ танҳо дар сурате ба даст меояд, ки агар арзишҳои муаллиф ҳамзамон барои худи хонандагон аҳамияти шахсӣ дошта бошанд. Шинохти қаҳрамони хаёлии асари бадеӣ барои хонанда дар айни замон ба шинохти худ табдил меёбад. Аз ин рӯ, дарки меъёрҳои рафтори ватандӯстии мактаббачагон дар сурате мукаммал мегардад, ки дар ин раванд асарҳои санъати тасвирӣ, ки аз ҷиҳати бадеӣ ва эстетикӣ арзишманданд, истифода шаванд. Қайд кардан мумкин аст, ки раванди дарки санъат, гарчанде одамро бевосита ба амал оварда наметавонад, ӯро бо имкониятҳои нав ғанӣ мегардонад, ӯро ба вокуниши комил ба ҳодиса - ба рафтор водор мекунад. Он хусусияти тарбиявӣ дорад. Санъати тасвирӣ ба таври махсус, ташаккули тамоюлҳои арзишӣ, ҳам ба соҳаҳои эҳсосӣ ва ҳам зеҳнии шахсияти хонанда таъсир мерасонад. Муносибати педагогика ва санъати тасвирӣ дар раванди тарбияи ватандӯстии хонандагон дар мактаби таҳсилоти умумии муосир ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам дар сатҳи методӣ амалӣ мегардад. Усулҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон ба воситаи санъати тасвирӣ роҳи беҳтарини таъсиррасонӣ ба шуури ватандӯстӣ, ҳисси ватандӯстӣ, рафтори талабагон мебошад, ки муаллим дар фаъолияти якҷоя (муоширот) бо кӯдак барои ноил шудан ба вазифаҳои педагогии тарбияи ватандустӣ истифода мебарад. Усулҳои санъати тасвирӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон намудҳои гуногун: графика, санъати ороиши амалӣ, санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, меъмориро ифода мекунанд. Ба гурӯҳи усулҳои тасвирии таъсиррасонӣ дохил мешаванд: санъати хат (графика), мусаввирӣ, санъати ороишӣ-амалӣ (декоративно-прикладное искусство), санъати ҳайкалтарошӣ ва меъморӣ. Тарҳи ботинии усулҳо дар бедоршавӣ ва афзудани фаъолнокӣ, эҷодӣ, ақлӣ, амалӣ дар раванди педагогӣ ифода меёбад. Хусусияти муҳими мазмуни ботинии усулҳо бо мероси маданияти миллӣ ва ҷаҳонӣ, бо асарҳои санъати тасвирии рассомони машҳури рус ва хориҷӣ шинос кардани мактаббачагон мебошад. Самти бисёрҷонибаи усулҳо, ки аз муносибати диалектикии қувваҳои фикрӣ ва эҳсосотӣ дар ифодаи илмӣ ва амалии онҳо бармеояд, барои ташаккули тафаккуре, ки хусусияти диалектикӣ, объективӣ, ростқавлӣ, воқеӣ, инсонпарварӣ, мантиқӣ, тасвириро фарқ мекунад; инчунин дар фаъолияти талабагон ҷорӣ намудани эҷодкорӣ, дар рӯҳияи инсони меҳнатдӯст, хонанда-ватандӯст ташкил намудани рафтори онҳо хизмат мекунад.

Усулҳои дар боло зикршуда танҳо як қисми системаи методие мебошанд, ки дар тарбияи ватандустии мактаббачагон ба воситаи санъати тасвирӣ истифода бурда мешаванд. Гурӯҳи усулҳои суггетики (аз лотинии sugestio — таклид, таклиф) як қисми системаи усулҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути санъати тасвирӣ мебошад. Ин усулҳо ҳам дар рафти муошırати шахсии омӯзгор ва хонанда ва ҳам дар рафти викторинаҳо, озмунҳо, намоишгоҳҳо ва ғайра фаъолона истифода мешаванд. Онҳо маърифатнокии мактаббачагонро оид ба санъати тасвирӣ баланд мебардоранд, ба ташаккули завқи бадеии онҳо мусоидат мекунанд, ки ба равандҳои дарки хонандагон аз асарҳои санъати тасвирӣ ва асарҳои эҷодии онҳо, азхудкунии арзишҳои ахлоқӣ ва дигар арзишҳои инъикосёфта таъсир мерасонанд. Усулҳои санъати тасвирӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон бори гарони педагогиро бар дӯш доранд. Тамоми хусусиятҳои шуурро инъикос намуда, барои дигаргун сохтани ҳар як қисми таркибии он хизмат мекунанд ва дар айни замон одамро аз ботин тағйир медиҳанд ва инчунин ба зухури куввахои асосии инсон, инкишофи тафаккури образнок, фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунанд. Ҳамаи усулҳои гуногуни бадеӣ дар тарбияи ватандӯстии талабагон дар алоқаи ягона, вобастагии байниҳамдигарӣ амал мекунанд. Онҳо ба шахсияти хонанда дар маҷмӯъ таъсир мерасонанд. Мазмун, восита ва усулҳо системаи раванди тарбияро, ки ба мақсади тарбияи ватандустӣ мувофиқанд, ташкил медиҳанд. Мазмуни таълим арзишҳои маънавии ҷаҳони ботинии шахсияти хонанда мебошад, ки муносибати хонандаро ба Ватан, тарзу усулҳои муошират бо ҳамсинфон,

тарзи фаъолияти ӯро муайян мекунанд, аз маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои таъсиррасони педагогӣ истифода мебаранд. Ин система тамоми усулҳои ташаккули шуур, тарбияи ҳиссиёт ва иродаро дарбар мегирад, ки онҳоро бо воситаҳои гуногуни таъсири моддию маънавии муаллим пайвастан мумкин аст. Хусусияти ҳаматарафаи тарбияи ватандӯстӣ ва таъсири ҳамаҷонибаи санъат ба шахс имкон медиҳад, ки таъсири тарбиявии санъат бо ёрии нишондиҳандаҳои иҷтимоию педагогии ҷалб намудани санъат мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Ин шартан аз он иборат аст, ки яке аз вазифаҳои асосии тарбияи хонандагон шинос намудани онҳо бо таърих, анъанаҳо, арзишҳои фарҳангии Ватан ва ташаккули эҳтиёҷ ба афзун намудани онҳо мебошад. Асарҳои санъати тасвирии тоҷик танҳо як қисми зиёди ин арзишҳои фарҳангиро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, асарҳои бадеие, ки ғояҳои ватандӯстиро ифода мекунанд, гӯё қимати дучанд пайдо карда, дар "аслиҳахона" («арсенал»)-и воситаҳои педагогии муаллим мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Заминаи пурсамаре, ки муносибати арзишманди хонандагон ба санъат дар он месабзад, амалия аст. «Некӯкор, -қайд кардааст муаллими барҷаста Я.А.Коменский, - бо гуфтугӯ не, балки бо рафтор инкишоф меёбад [5, с. 101]. Маҳз амалия барои ташаккул ва инкишоф додани қобилияти дарки намудҳо ва жанрҳои гуногуни санъат ба хонандагон шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Ба туфайли дарки асарҳои сершумори бадеӣ тафаккури бадеӣ инкишоф меёбад, ки хусусиятҳои хос дорад. Бо асарҳои бадеӣ шинос намудани хонандагон ва дар амал татбиқ кардани ин мавзӯъҳо, ки мавзӯи ватандӯстӣ, хизмат ба Ватан, қаҳрамони миллӣ будан, муҳорибаҳои бузург, саркардагони бузурги тоҷикро инъикос менамояд, қисми муҳими мазмуни асар оид ба ташаккули ватандӯстӣ дар байни хонандагон тавассути санъати тасвирӣ мебошад. Хонандагон хусусиятҳои зебопарастии гуногун, ашё ва ҳодисаҳои воқеиро амиқтар дарк мекунанд.

Ҳамин тавр, мубрамияти асарҳои эҷодии санъати тасвирӣ ҳамчун воситаи педагогии ҷараёни таълим вазифаи муҳими инкишофи иштирокчиёни ҷараёни таълимро (ҳам объект ва ҳам субъект) иҷро мекунад. Санъати тасвирӣ воситаи муоширати байни объект ва субъекти тарбия буда, нерӯи маънавӣ ва эҷодии ҳар шахс, қобилияти шахсиятро ошкор менамояд, ба худшиносии миллӣ ва ҳуввияти миллӣ мусоидат мекунад. Вай ба муаллим на танҳо барои идроки олами маънавии талаба, балки барои расонидани таъсир ба он ёрӣ мерасонад.

- Истифодаи осори санъати тасвирӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, ки муҳофизони Ватан, ватандӯстони кишвари худро инъикос менамоянд, ба ташаккули дарки донишомӯзон дар бораи робитаи зичи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бо зуҳуроти ватандустӣ имкон фароҳам меорад. Корбасти ин асарҳо дар системаи машғулиятҳои таълимӣ ба хонандагон барои дарки моҳият ва муҳимтарин ҷанбаҳои зуҳуроти ватандӯстӣ мусоидат мекунад.
- Санъати тасвирӣ аз ҷиҳати гуногунии усулҳои аёнӣ воситаи мухими педагогии ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ мебошад.
- Санъати тасвирӣ ва педагогика дар раванди мақсадноки педагогӣ чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати усули тарбияи ватандустӣ бо ҳам алоқаи зич доранд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Достоевский, Ф.М. Об искусстве/Ф.М.Достоевский.-М.:Искусство, 1973. – 74 с.
2. Кабалевский, Д.Б. Прекрасное пробуждает доброе-Педагогические размышления /Д.Б.Кабалевский// Избр. статьи и доклады.- М.: Педагогика, 1986. - С.76.
3. Лоренц, К. Агрессия (так называемое "зло"). Библиотека зарубежной психологии/ К.Лоренц. - М;Прогресс, Универс, 1994. - С.263.
4. Выготский, Л.С. Искусство и жизнь /Л.С.Выготский// Психология искусства.Изд-е 3-е. -М.: Искусство, 1986. -С.313.
5. Коменский,Я. А. Избранные педагогические сочинения/Я. А.Коменский.-М., 1955.- С.101.


## REFERENCES:


1. Dostoevsky, F.M. About art / F.M. Dostoevsky. - M.: Art, 1973. - 74 p.
2. Kabalevsky, D.B. The beautiful awakens the good-Pedagogical reflections / D.B. Kabalevsky // Collection of articles and reports. - M.: Pedagogy, 1986. - P. 76.
3. Lorenz, K. Aggression (the so-called "Evil"). Library of Foreign Psychology / K. Lorenz. – M.: Progress, 1994. - P.263.
4. Vygotsky, L.S. Art and life / L.S. Vygotsky / / Psychology of art. The 3rd edition. -M.: Art, 1986. - P.313.
5. Comenius, Ya. A. Selected pedagogical works / Ya. A.Komensky.-M., 1955.- P.101.